ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 18.11.2026 **ш. Душанбе**

Суханронии Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода»,** суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи реклама ва робита бо ҷомеаи Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон – **Салимзода Олим**, номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **– Расулзода Комрон Бахтиёр,** муқарризони ғайрирасмӣ – Муқимов Муҳамадӣ Аминович, Азимов Аъзамҷон Холматович, Бозорзода Нуриддин Шодипур, Хасанова Тахмина Гаюровна, Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалиро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Султонов Муҳамадато Исоевич

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Султонов Муҳамадато Исоевич дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ ба Султонов Муҳамадато Исоевич аз Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Муқобил – “нест”. Бетараф – “нест”.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Имомзода М.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.

18.11.2026.